“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии
Ҳуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров”,
дотсент _____ Набизода М.С.
“29” 06 2026 сол

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи “Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) дар кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” омода шудааст.

Унвонҷӯ Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна соли 1987 факултети математика – физикаи МДТ Институти педагогии давлатии ба номи Т.Г.Шевченкоро бо ихтисоси математика - физика, бо дипломи аълочӣ ИВ №984067 хатм намудааст.

Фаъолияти худро аз соли 1987 ба ҳайси ассистенти кафедраи фалсафаи Институти педагогии давлатии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко оғоз намудааст.

Аз соли 1993 ҳамчун муаллими кафедраи фалсафаи маданияти МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” фаъолияти худро идома додааст.

Соли 2017 дар кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии ҳамин муассиса ба ҳайси унвонҷӯ (фармоиши №20 аз 24.01.2017.) қабул гардидааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз санаи 03-юми июни соли 2024, №13 таҳти унвони “Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ” зери роҳбарии доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ тасдиқ гардидааст.

Унвонҷӯ Ҳайитбоева М.А. имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супорида, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадиро аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (19) гирифтааст.

Роҳбари илмӣ: Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ - доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи "Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ" дар кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷро гардида, дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа ва фарҳангшиносии ҳамин муассиса мавриди муҳокима қарор гирифта, хулосаи зерин қабул карда шуд:

Диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он мустақилона ва дар сатҳи зарурӣ иҷро гардидааст. Муаллиф тавонистааст, ки муҳиммияти таҳқиқи мавзуро дар замони муосир тавассути далелҳои муътамад исбот намояд. Унвонҷу ба мавриди қайд менамояд, ки "Раванди пуртаззоди ҷаҳонишавӣ имрӯз тамоми ҷаҳонро фаро гирифта, ҳар лаҳза дигаргуниҳоеро рӯйи кор меорад, ки на танҳо хусусияти сиёсиву иқтисодӣ доранд, инчунин ба фарҳангу маънавиёт низ таъсири худро расонида, арзишмандтарин дастоварҳои суннатии фарҳангҳои миллиро осеб мерасонанд. Ҳамагон шоҳид ҳастем, ки фарҳангҳои миллӣ аз ҳар ҷониб мавриди ҳадаф қарор гирифта, яке бо истифода аз таассубу хурофоти динӣ ва дигаре бо шиори "озодии мутлақ ва ҳамқадами замон будан" ба тафаккур ва ҷаҳонбинии насли муосир таъсир расонида, мавқеъ ва нуфузи худро устувортар мегардонанд. Таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ агар ба бегонашавии фарҳангӣ ва мутеи ҳар гуна андешаву ақидаи беасос боис гардад, муносибатҳои ғайрианъанавӣ, ба мисли никоҳи ҳамҷинсӣ, тағйир додани ҷинс, истифодаи амалҳои гуногун бо ҷисми хеш ва монанди инҳо ба бегонашавии инсон аз асли хеш сабаб мегардад".

Унвонҷу оид ба муҳиму актуалӣ будани таҳқиқот ба мавриди зикр менамояд, ки "Дар фазои фарҳангии замони муосир, ки дар он мушкилоти гуногуни ахлоқӣ вуҷуд дорад, муносибатҳои инсонӣ дар доираи манфиатҷӯйӣ ташаккул ёфта, мавқеи инсондӯстӣ, эҳсоси ҳамдардӣ, адолат ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун масоили марказии ахлоқ ва инсонсоз заиф мегардад ва дар шароите, ки арзиши муқаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони созанда камарзиш ва аз назар дур гардида истодааст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди гузаштаи мардуми тоҷику форс муҳиму актуалӣ мебошад".

Андешаи дигари унвончӯ дар мавриди он, ки “дар марҳилаи ниҳоят ҳассоси замони муосир, ки арзишҳои маънавию инсонсоз мавриди таҳоҷум қарор мегиранд, таҳқиқ, таҳлил, арзишгузорӣ ва пешкаши насли муосир намудани арзишҳои олитарини фарҳангӣ, алалхусус эстетикӣ, ки аз ҷониби мутафаккирони соҳибандешаи фарҳанги гузашта, ба мисли Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ эҷод гардидаанд, мубрамияти тоза касб менамояд. Насли муосир, ки зери таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ, бозиҳои гуногуни компютерӣ ва воситаҳои дигари аудиовизуалӣ қарор доранд, таваҷҷуҳи камтар ба сарчашмаҳои илмӣ ва андешаҳои мутафаккирон менамоянд, ки ин омил ба косташавии маънавиёт боис мегардад”, қобили дастгирӣ мебошад.

Унвончу бар он ақида аст, ки маҳз масъалаи зебоишиносӣ ва тафаккури эстетикӣ дар раванди мафкурасозии инсон иштироки фаъол ва нақши калидиро бозида метавонад ва ҳамчун василаи худшиносии инсон мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки костагии шуури эстетикӣ сабабгори коҳиш ёфтани мавқеи ҷамъиятии инсон гардида, ҳам ба ахлоқ ва ҳам ба устувории ақидаи шахс таъсири манфӣ мерасонад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ дар сатҳи зарурӣ коркард шуда, сарчашма ва таҳқиқотҳои зиёд истифода гардидаанд. Ин амал боис гардидааст, ки муаллифи диссертатсия ҳам мубрамият ва ҳам таҳқиқталабии мавзуи кори илмии худро дуруст муайян намояд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро фаҳмиши ратсионалии фалсафаи зебоишиносӣ, таҳлили муқоисавӣ ва истифода аз усулҳои геременевтикӣ ва умумимантиқӣ ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳқиқ диссертант тавонистааст аз усулҳои умумиилмӣ ва умумимантиқӣ, аз қабили таҳлил, таркиб, семантикӣ, ҷамъбастнамоӣ, инчунин, усулҳои тавсифӣ, аксиологӣ, муқоисавӣ истифода намуда, ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардад. Ҳамин аст, ки дар диссертатсия навгониҳо ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мавзуи таҳқиқ ва объекту предмет мувофиқати пурра доранд.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллифи он дар раванди таҳқиқ иштироки бевосита дошта, он натиҷаи фаъолияти чандинсолаи муаллиф буда, дар анҷомёбии он саҳми худро гузоштааст.

Муайян намудани вазифаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда аз мустақилияти фикрӣ ва қобилияти эҷодии диссертант шаҳодат медиҳанд.

Диссертант дар раванди таҳқиқоти мавзуи таҳқиқшаванда паҳлуҳои мухталифи асосҳои назариявӣ ва амалии таълимоти зебоишиносии Ҷомиро дар коркарди системаи мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ, шинохти мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ (“зебоӣ”, “зиштӣ”, “шукуҳ” (олӣ),

“разилӣ”(сифлӣ) “фоҷиа” ва “мазҳака”) барои замони муосир дар самти таҳкими пояҳои худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода, фаҳмиши тоза ва тафсиру тавзеҳи муаллифии баъзе аз мафҳумҳо ва мақулаҳои асосии зебоишиносиро дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ пешниҳод намуда, дар интишороти илмии худ онҳоро инъикос кардааст:

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Ақидаҳои эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ аз нигоҳи донишмандони тоҷик // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Душанбе ба номи Садриддин Айнӣ. - Душанбе, 2019. №1 (78). – С.413-420.
2. Мақоми масъалаи инсон дар ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ // Маҷаллаи “Ахбор”-и ИФСҲ АМИТ. – Душанбе, 2022. – №4. (шумораи байналмиллалии ISS), - С.513-520.
3. Хусусиятҳои таълимоти ахлоқӣ-зебоишиносӣ дар ҷараёни нақшбандия// Маҷаллаи “Ахбор”-и ИФСҲ АМИТ. Душанбе, 2025. №1.- С.264-270. Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинов. – С.360-375.
4. Мазмун ва моҳияти мақулаҳои “зебоӣ” ва “зиштӣ” дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ // Маҷаллаи “Ахбор”-и ИФСҲ АМИТ. – Душанбе 2026, №2. – С.31-40. (ҳаммуаллиф д.и.ф., профессор Амирхон Ш.Т.)

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

5. Мақоми масъалаи инсон дар ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Пешвои миллат ва таҳаввули фалсафаи миллӣ дар замони Истиклол” бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Точикистон, 30-солагии Иҷлосияи XYI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 90-солагии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Хуҷанд, 2022. С.57-62.
6. Инъикоси категорияи “шукуҳ” дар мухтасари “Хирадномаи Искандарӣ”-и Абдураҳмони Ҷомӣ// Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои муҳими рушди фалсафа дар Тоҷикистони муосир. Душанбе, 2019.
7. Мақоми масъалаи инсон дар ҷаҳонбинии Абдураҳмони Ҷомӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Пешвои миллат ва таҳаввули фалсафаи миллӣ дар замони Истиқлол. Хуҷанд, 2022.
8. Мазмун ва моҳияти “ҳунар” дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ва нақши он дар ташаккули худшиносии инсон // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Ташаккули худшиносии миллии

ҷавонон-яке аз роҳҳои муқовимат бар зидди идеологияи экстремистӣ". Душанбе, 2026.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар он аз тарафи муаллиф бори нахуст дар таърихи фалсафаи ватанӣ мафҳум ва мақулаҳои асосии зебоишиносӣ дар шакли комплексӣ ва системавӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Навгониҳои диссертатсия иборатанд аз:

- асосҳои ҷаҳонбинӣ ва фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба зебоишиносӣ муайян карда шуд;
- системаи мафҳумҳои зебоишиносӣ дар осори мутафаккир мушаххас гардид;
- мазмун ва муҳтавои мафҳуми "ҳунар" ва асоси эстетикии он дар таълимоти мутафаккир ошкор карда шуд;
- мазмун ва муҳтавои мақулаҳои консептуалии зебоишиносӣ дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ коркард ва муайян гардид;
- арзишмандии андешаҳои эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ барои тарбияи насли муосир дар шинохти зебоии асили инсон ва мақсаду маънии зиндагӣ ошкор карда шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зуҳур меёбад, ки диссертатсия, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳими назариявӣ зимни бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти таърихи фалсафа, зебоишиносӣ, этика ва фалсафаи иҷтимоӣ истифода шавад ва умуман дар такомул ва рушди таърихи фалсафаи тоҷик саҳм гузорад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад, аз он иборат аст, ки арзишҳои фарҳанги миллии ниёгон, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои коркарди барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ аз фанни зебоишиносӣ, ахлоқ ҳамчун маводи зарурӣ хизмат карда метавонанд.

Диссертатсяи Ҳайитбоева М.А. дар мавзуи "Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдраҳмони Ҷомӣ" кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пурра мувофиқат намуда, аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсяи Ҳайитбоева М.А. дар мавзуи "Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдраҳмони Ҷомӣ" чиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда

барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа ва фарҳангшиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул карда шудааст. Иштирок дошт: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 22 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи №11 аз 26-уми июни соли 2026.

Дар маҷлис ҳамагӣ 22 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафар аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (доктори илмҳои фалсафа, профессор И.Ғ.Зиёев., н.и.ф., дотсент Н. М. Рачабзода., роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои фалсафа, профессор Ш.Т. Амирхон) 4 нафар докторони илм, профессорон, 7 нафар н.и.ф. дотсентон, 3 нафар муаллимони калон ва 8 нафар муаллимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "ҷонибдор" – 22 нафар, "зид" –нест, "бетараф"- нест.

**Раисикунандаи маҷлис:**
Доктори илмҳои фалсафа, дотсент
Мудири кафедраи фалсафа Латифӣ З.А.

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии
фарҳангшиносӣ, н.и.ф., дотсент Комилова М.И.

**Котиби маҷлис:**
Номзади илмҳои фалсафа,
муаллими калон Болтаева М.Н.

Имзои Латифӣ З.А., Комилова М.И. ва
Болтаева М.Н. - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
МДТ "ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассиса:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.Тел.: (+992 37) 6-75-18